# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ)**

Дар автореферати диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) пешниҳод шудааст, натиҷаҳои коркарди технологияи истеҳсоли рангҳои гизоии табиӣ аз растаниҳои Тоҷикистон ва тарзи истифодаи ин рангҳо дар махсулоти қаннодӣ пешниҳод шудаанд. Таҳқиқҳои дар доираи мавзӯъ гузаронидашуда омӯзиши пайвастагиҳои рангкунанда, аз ҷумла пайвастаҳои фенолӣ ва каротиноидҳои баъзе растаниҳое, ки дар дар Тоҷикистон мерӯянд, хосиятҳои физикӣ-химиявии, фаъолнокии биологии ин пайвастагиҳо, инчунин, имкони истифодаи онҳоро дар соҳаҳои саноати хӯрокворӣ дар бар менгиранд. Мақсади кор ва вазифаҳое, ки дар он гузошта шудаанд, хеле муҳиманд, зеро истифодаи моддаҳои табиии аз ҷиҳати биологӣ фаъол барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи баландсифат ва бехатар барои инсон дар шароити бад шудани муҳити зисти ҳаёти муосир хеле муҳим аст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишудаи диссертатсия муаллиф як қатор масъалаҳоро ҳал кардааст, ки дар байни онҳо омӯзиши таъсири як қатор омилҳо ба равандлаи экстрактсияи моддаҳои рангкунанда, муайян кардани шароити муосири раванди экстрактсия ва коркарди дар асоси маълумотҳои бадастомада усулҳои ҷудо кардани пайвастагиҳои рангкунанда аз маводи растанӣ, омӯзиши табдили пайвастагиҳои рангкунанда дар ҷараёни экстрактсия ва омӯзиши таъсири ин пайвастагиҳоро ба организмҳои зинда махсусан қайд кардан мумкин аст.

Ахамияти ин вазифаҳо аз он иборат аст, ки ҳалли онҳо имконият медихад, ки шароити оптималии чудо кардани пайвастагихои рангкунанда ва истифодаи онҳо барои ранг кардани маҳсулоти хурокворӣ муайян карда шавад. Усули аз растаниҳо ҷудо кардани пайвастагиҳои рангкунанда сазовори таваҷҷуҳ аст. Зеро усулҳои анъанавии ҷудо кардани пайвастагиҳои рангкунанда бо истифода аз ҳалкунандаҳои органикӣ ба монанди этанол, этиласетат ва ғ. асос ёфтаанд. Усулҳое, ки дар рисолаи барррасишаванда коркард шудаанд, имкон медиҳад, ки экстрактҳои дорои таркиби пайвастагиҳои ранкунанда, ки ба талаботи агентҳои рангкунандаи табиӣ комилан ҷавобгӯ мебошанд, ба даст оварда шавад ва истифодаи як ҳалкунандаи бехатар ва камхарҷ, аз қабили об ҳам аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳам аз нуқтаи назари бехатарии ғизо асоснок аст. Илова бар ин, истифодаи равади яхкунонии қаблии ашёи растанӣ пеш аз экстрактсия дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки ин амал баромади экстрактҳои рангкунандаро зиёд мекунад.

Он қисми диссертатсия, ки ба фаъолнокии биологии экстрактҳои рангкунанда бахшида шудааст, қобили таваҷҷуҳ аст. Натиҷаҳои таҳқиқи фаъолнокии биологии



Scanned with CamScanner

экстрактҳои ҳосилкарда исбот мекунанд, ки истифодаи онҳо дар технологияи маҳсулоти хӯрока мувофиқи мақсад аст, зеро ин экстрактҳо ба маҳсулоти ғизоӣ хосиятҳои функсионалӣ ва табобатӣ-профилактикиӣ мебахшад.

Муаллифи диссертатсия инчунин имконпазирии истифодаи экстрактҳои рангкунандаро аз решаи санҷид, меваи татум ва гулбаргҳои гули аббосӣ барои ранг кардани маҳсулоти қаннодӣ муайян кардааст. Бояд гуфт, ки масъалаи ба сифати рангҳои ғизоӣ истифода бурдани экстрактҳои номбурдашуда кам омухта шудааст ва ин бахш бешубҳа аҳамияти амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи тақризшаванда мубрам ва муҳим аст. Бо вучуди ин дар кор камбудиҳо низ ҷой доранд. Чунин ба назар мерасад, ки омӯзиши мукаммали табаддулоти пайвастагиҳои рангкунанда ҳангоми ранг кардани маҳсулот метавонад ба оптимизатсияи бештари истеҳсоли ғизо мусоидат кунад. Маҳдудиятҳое, ки бояд дар автореферат риоя карда шаванд, боиси иттилооти аз ҳад зиёди гардида, хондан ва фаҳмидани онро душвор мегардонанд. Аммо ин аҳамияти рисоларо ба ҳеч ваҷҳ кам карда наметавонанд. Махсусан қайд кардан лозим аст, ки хулосаю тавсияҳое, ки дар автореферат баён карда шудаанд, барои омухтани проблемаҳои биохимия ва истифодаи пайвастагиҳои рангкунанда, инчунин барои тартиб додани стратегияи тадбирҳои тартиб додан ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза заминаи хуби назариявӣ доранд.

Бо назардошти мубрамияти мавзӯъ, эътимоднокии натиҷаҳо, апрообатсия ва татбиқи онҳо, ҳаҷм ва мундариҷа чунин мешуморам, ки кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович ба ҳама талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистион ҷавобгӯ буда, муаллифаш Саидов Ҳусен Аламуродович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 - Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) мебошад.

**Номзади илмҳои техникӣ, дотсент,**
**муовини аввали ректори Донишкадаи технология**
**ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб** **Курбонзода Б. Д.**

Суроға: Ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад
Тел.: +992900008092
e-mail: bobohon-k@mail.ru
Имзои Қурбонзода Б.Д. -ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ Шокиров Қ.Б.

28.04.25.



Scanned with CamScanner